Замимаи 1
Бо фармоиши директори
Муассисаи давлатии
“Тоҷикфилм”
аз 03.01.2024, №01/1 ф-а
тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ

Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»

Моддаи 1

Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» иборат аз озмуни филмҳои ҳунарӣ, мустанад, бадеии кӯтоҳ ва тасвирии миллӣ баргузор карда мешавад.

Моддаи 2

Ҳадафи асосии Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» ба таври зайл аст:

- ошноӣ ба асарҳои навтарини синамои миллӣ, ки ба тарғиби инсондӯстӣ, муколамаи тамаддуну фарҳанги миллӣ, дастгирии рӯҳияи синамогарон, тарғиби санъати синамо.

Моддаи 3

Муассисони Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” мебошанд.

Моддаи 4

Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» аз ___ то ____октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад. Қароргоҳи синамоҷоиза дар бинои Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм», дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 ҷойгир мебошад.

Моддаи 5

Роҳбарият ва ҳайати кумитаи тадорукотии Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»-ро бо пешниҳоди Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” муассисон таъин ва тасдиқ менамоянд.

Моддаи 6

Рамз ва нишони Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»-ро муассисон муайян ва тасдиқ менамоянд.

Моддаи 7

Барномаҳои Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» ва тарзу шаклҳои баргузории онҳоро тартиби таҳиягардида муайян менамояд, ки замимаи ин Низомнома мебошад.

Моддаи 8

Ҳамаи филмҳои барои иштирок дар Синамоҷоиза пазируфташуда, бояд ба талаботи Низомнома ва Тартиби баргузории он мутобиқат намоянд.

Моддаи 9

Филмҳоро Комиссияи интихоби Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» барои барномаҳои гуногуни он интихоб мекунанд. Ҳайати комиссия ва шумораи онҳоро Маъмурияти Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» бо шумули мутахассисони касбии соҳаи синамо интихоб ва таъин менамояд.

Моддаи 10

Дар асоси Қарори Комиссияи интихоби филмҳо, барномаҳои гуногуни Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» тибқи Низомнома муайян ва тасдиқ карда мешаванд. Филмҳо ва созандагони онҳо (бо шумули коргардон, продюсер, иҷрокунандаи нақшҳои аслӣ ё бо пешниҳоди соҳибони филмҳо) дар Барномаҳои гуногуни Синамоҷоиза ширкат менамоянд.

Моддаи 11

Шумораи Ҷоизаҳои асосии Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» ва қиммати молии онҳоро бо пешниҳоди маъмурияти Синамоҷоиза, муассисон муайян менамоянд.

Моддаи 12

Замон ва макони баргузории Синамоҷоиза навбатиро пеш аз баргузоршавӣ маъмурияти Синамоҷоиза миллии «Тоҷи Сомон» муайян намуда, бо муассисон мувофиқаву тасдиқ менамояд.

Моддаи 13

Масъалаҳои давомнокии фаъолияти Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон», ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Низомнома ё қатъ кардани фаъолияти онро муассисон бо қарори худ амалӣ менамоянд.

Замимаи 2
Бо фармоиши директори
Муассисаи давлатии
“Тоҷикфилм”
аз 03.01.2024, №01/1 ф-а
тасдиқ шудааст

**Замима ба Низомномаи Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»**

# ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ (РЕГЛАМЕНТИ)

Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон»

Озмуни филмҳои миллӣ

## Муқаррароти умумӣ

1. Озмуни филмҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Озмун) барномаи озмунии Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» (минбаъд-Синамоҷоизаи миллӣ) ба ҳисоб меравад.
2. Озмун бо мақсади оммавӣ ва пешрафти байналмилалии намунаи беҳтарини санъати синамои миллӣ, тариқи экспертизаи байналмилалӣ баланд бардоштани сифати бадеии филмҳо, тарғиб ва намоиш додани дастовардҳои беҳтарини синамои миллӣ, тақвияти ҳамкориҳои синамогарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба доираи васеи тамошобинони шаҳри Душанбе ва ҷумҳурӣ нишон додани ин дастовардҳо баргузор карда мешавад.

## Меъёр ва принсипи интихоби филмҳо

3. Филмҳои озмунӣ бояд ба арзишҳои маънавию ахлоқии умумиинсонӣ ва анъанаҳои гуногуни фарҳанги Тоҷикистон, ғояҳои сулҳофарӣ, таҳаммулпазирии эътиқодӣ ва инсондӯстӣ созгор бошанд.
4. Дар барномаҳои гуногуни он филмҳои пурра ва кӯтоҳи бадеӣ, мустанад ва тасвирӣ, ки дар давоми солҳои 2023-2024 сохта шудаанд, ширкат карда метавонанд.
5. Филмҳоро Комиссияи интихоби филмҳо барои Барномаҳои гуногуни Синамоҷоизаи миллӣ интихоб менамоянд.

## Талаботи техникӣ барои намоиши филмҳои интихобшуда

6. Хоҳишмандон ва ширкаткунандагон филмҳояшонро метавонанд дар формати MP-4 (H 264), DCP ё бо шакли электронӣ ба забони асл бо зерматни англисӣ ва дар ҳолати зарурат бо зерматни русӣ ба суроғаи Муассисаи давлатии “Тоҷикфилм” 743013, ш.Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25,

ё почтаи элетронии: tajikfilm@gmail.com; то 1-уми сентябри соли 2024 ирсол намоянд. Формати афзалтар зерматнҳои хомӯшшаванда ба ҳисоб меравад (дар шакли бастаи иловагӣ ба ҳомили техникии филм).

7. Дар сурати интихоб шудани филмҳо барои ширкат дар барномаҳои гуногуни Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» аз созандагони аслии онҳо бо шумули коргардон, таҳиякунанда (продюсер) ё ҳунарпешаи нақши асосӣ ва ё бо пешниҳоди таҳиякунанда як нафар даъват карда мешавад.
8. Бо дархости маъмурияти Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» соҳибони филмҳо, маълумоти тарҷумаи ҳолии созандагони филм, маводҳои тарғиботӣ, трейлер, постер ва нашриро барои истифода ва намоиш пешниҳод менамоянд.

**Номинатсия, ҷоиза ва мукофоти озмунҳо**

9. Озмун тақдими ҷоизаҳоро аз рӯйи фаъолияти ҳакамон дар номинатсияҳои зерин пешбинӣ менамояд:
   -“Шоҳҷоиза”
   - Ҷоизаи махсуси “Тоҷи Сомон” “Барои саҳми муносиб дар рушди кинематографияи Тоҷикистон”
   -ҷоизаи “Беҳтарин филми мустанад”
   -ҷоизаи “Беҳтарин филми тасвирӣ”
   -ҷоизаи “Беҳтарин коргардони овоз”
   - ҷоизаи “Беҳтарин танзим”
   -ҷоизаи “Беҳтарин рассом”
   -ҷоизаи “Беҳтарин оҳангсоз”
   -ҷоизаи “Таваҷҷуҳи тамошобин”
   -ҷоизаи “Беҳтарин наворбардор”
   -ҷоизаи “Беҳтарин филмнома”
   -ҷоизаи “Беҳтарин коргардон”
   -ҷоизаи “Беҳтарин нақши мардона”
   -ҷоизаи “Беҳтарин нақши занона”
   -ҷоизаи “Беҳтарин филми ҳунарӣ”
   -ҷоизаи “Беҳтарин филми ҳунарии кӯтоҳ”

**Таъсис ва фаъолияти ҳакамон**

10. Маъмурияти Синамоҷоизаи миллии «Тоҷи Сомон» барои ҳакамӣ ва муайян намудани беҳтарин филмҳои бахшҳои “Озмунҳои миллии филмҳо” ва тақдими ҷоизаҳо ба онҳо ҳайати ҳакамони байналмилалӣ ва миллиро бо шумули муътабартарин филмсозон, муннақидон,

пажуҳишгарони фарҳанги синамоӣ ва намояндагони касбҳои гуногуни синамо даъват менамояд.

11. Ҷоизаҳои озмуниро Ҳакамони байналмилалии касбӣ (минбаъд-ҳакамон) дар ҳайати 7 нафар ходимони маъруфи кинои ҷаҳонӣ тақдим менамоянд.

12. Фаъолияти ҳакамон ба таври фосилавӣ-тавассути ирсоли интернетии истиноди филмҳои озмунӣ ва тамошои мустақилонаи онҳо то оғози Синамоҷоизаи миллии "Тоҷи Сомон" ба роҳ монда мешавад. Қарори ҳакамон пас аз муҳокимаи филмҳои Озмун ва овоздиҳии кушода ба таври ҳузурӣ барпо мешавад ва барои ин Маъмурияти Синамоҷоизаи миллӣ макони кориро муайян менамояд.

13. Ғолиби ҷоизаи "Таваҷҷуҳи тамошобин" аз рӯйи натиҷаи назарсанҷии тамошобинон дар шабакаҳои иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Ҷоизаи махсуси "Тоҷи Сомон" "Барои саҳми муносиб дар рушди кинематографияи Тоҷикистон" бо тавсияи Кумитаи тадорукоти Синамоҷоизаи миллӣ тақдим мегардад.

14. Дар доираи озмун мукофоти ҳавасмандӣ низ дар назар аст.

15. Маъмурияти Синамоҷизаи миллӣ ба ҳар чк аъзои ҳакамон хароҷоти будубош, хӯрок, роҳкиро, нақлиёти рафтуомадро ба дараҷаи "люкс" ва иштирок дар чорабиниҳои "Тоҷи Сомон" дар сатҳи ашхоси VIP таъмин менамояд.

16. Аъзои ҳакамон уҳдадоранд, ки муқаррароти Тартиби мазкурро риоя кунанд ва то эълон гардидани натиҷаи фаъолияташон аз изҳори андеша ҷиҳати баҳодиҳии оммавӣ доир ба филмҳои озмунӣ худдорӣ намоянд.

## Маблағгузории раванди баргузории Синамоҷоизаи миллӣ

17. Хароҷоти ташкил ва баргузории Синамоҷоизаи миллӣ, аз ҷумла будубош, хӯрок, маъракаи таблиғ, омода кардани маводҳои нашрӣ, ҷоизаҳо барои ғолибон, тақдими тухфаҳои арзишманд ва гулҳо ба ғолибон, харидории парчамҳо, масрафи ороиши бадеии саҳнаҳо, ороиши саривақтии маконҳои баргузорӣ, омода кардани макони аксбардорӣ, таъмини техникии таҷҳизоти садо ва равшандиҳӣ, харҷ барои ташкили эффектҳои махсус, масрафи хариди чаҳорчуба барои дипломҳо, дар ҳолати зарурат таъмини роҳбалад-тарҷумон, хароҷоти хизматрасонии тарҷумон барои тарҷумаи маводҳо, барои сохтани промороликҳо, масрафи тартиби беҳдоштӣ дар ҷойҳои баргузорӣ, харидории маводҳои дафтардорӣ барои фаъолияти ҳакамон ва баргузории дарсҳои "Устод ва шогирд", барои барномаи саёҳатӣ, баргузории аксу наворбардорӣ, хароҷоти коргардонию таҳиягарӣ,

хароҷоти пардохти ҳаққи барандаҳо ва гурӯҳҳои эҷодӣ, арзиши ирсоли дипломҳо, ҷоизаҳо ва туҳфаҳои арзишманди ғолибон дар асоси харҷнома пешбинӣ мегардад.

18. Маблағгузори хароҷоти ташкил ва баргузории Синамоҷоизаи миллӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявии дар Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва нақшаи амали он барои солҳои 2023-2025 барои баргузории синамоҷашнвораҳо пешбинишуда, маблағҳои махсус, дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва ҷалби сармоягузорону сарпарастон амалӣ карда мешавад.